# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити муосир фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти ошкор, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳо бо мушкилоти ҷиддии назариявӣ ва амалӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Ин вазъият пеш аз ҳама бо мураккаб гардидани тарзу усулҳои содир ва пинҳон намудани ҷиноятҳо, истифодаи васеи технологияҳои муосир, рушди шаклҳои муташаккили ҷинояткорӣ ва афзоиши муқовимат ба фаъолияти тафтишотӣ алоқаманд мебошад. Дар чунин шароит истифодаи самараноки усулҳои тактикии криминалистӣ яке аз воситаҳои муҳимми таъмини пуррагӣ, ҳаматарафагӣ ва холисонаи тафтиши ҷиноятҳо маҳсуб ёфта, омӯзиши илмии масъалаҳои вобаста ба моҳият, тасниф ва ченакҳои қобили қабул будани онҳо аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ пайдо менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи такмили фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ ва баланд бардоштани сифати тафтиши ҷиноятҳо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ, зиёд гардидани шумораи баъзе намудҳои ҷиноятҳо ва пайдо шудани усулҳои нави содир ва пинҳон намудани онҳо зарурати таҳияи асосҳои нави илмӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикиро ба миён овардааст. Дар баробари ин, дар илми криминалистика то ҳол оид ба мафҳум, моҳият, тасниф ва ченакҳои қобили қабул будани усулҳои тактикӣ мавқеи ягонаи илмӣ ташаккул наёфта, ин ҳолат дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ мушкилоти муайян ба вуҷуд меорад.

Бо ҳамин асос, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо, муайян намудани моҳият ва низоми онҳо, таҳияи таснифи илмии усулҳои тактикӣ, асоснок намудани ченакҳои қобили қабул будани истифодаи онҳо ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ равона гардидааст. Ин масъалаҳо ба талаботи рушди муосири илми криминалистика ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ пурра ҷавобгӯ буда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти муҳим доранд.

Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ мубрам, саривақтӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, ба ҳалли яке аз масъалаҳои муҳими илми криминалистика ва амалияи тафтиши ҷиноятҳо нигаронида шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушди назарияи тактикаи криминалистӣ, такмили фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо саҳми назаррас гузоранд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дараҷаи навгонии натиҷаҳои диссертатсия пеш аз ҳама дар таҳқиқи маҷмуии масъалаҳои назариявӣ ва амалии

истифодаи усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо, инчунин таҳияи асосҳои нави илмии такмили онҳо зоҳир мегардад. Дар таҳқиқот масъалаҳои назариявии тактикаи криминалистӣ бо ниёзҳои амалии фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ ба ҳам пайваста, як қатор натиҷаҳои нави илмӣ пешниҳод шудаанд, аз ҷумла:

– дар диссертатсия бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили мукаммали истифодаи усулҳои тактикӣ дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом дода шуда, мафҳум, моҳият, тасниф ва истифодаи онҳо ба таври низомнок пешниҳод гардидааст;

– муаллиф мафҳуми усули тактикиро аз нуқтаи назари муосири криминалистика такмил дода, онро ҳамчун воситаи интихоби роҳи оптималии фаъолияти муфаттиш вобаста ба вазъияти мушаххаси тафтишотӣ асоснок намудааст, ки истифодаи қолабии усулҳои тактикиро истисно менамояд;

– дар таҳқиқот таснифи нави усулҳои тактикӣ пешниҳод шудааст, ки онҳо вобаста ба хусусияти алоқамандиашон бо фаъолияти исботкунӣ ба панҷ гурӯҳи мустақил ҷудо гардида, ҳамзамон ченакҳои ҳуқуқӣ ва амалии истифодаи онҳо муайян карда шудаанд;

– навгонии илмии таҳқиқот дар асоснок намудани хусусияти комплексии усулҳои тактикӣ ифода ёфта, нишон дода шудааст, ки қобили қабул будани онҳо бояд ба талаботи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ, асоснокии илмӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ низ ҷавобгӯ бошад, ки чунин равиш барои таъмини мувозинати байни самаранокии тафтишот ва ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад;

– дар диссертатсия мафҳуми қарори тактикӣ такмил дода шуда, он ҳамчун интихоби усули аз ҳама мақсаднок ва аз нуқтаи назари қонун қобили қабул дар асоси таҳлили вазъияти тафтишӣ ва пешгӯйии рушди он асоснок карда шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муфаттиш аҳаммияти амалӣ дорад.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

- асоснок намудани мафҳуми нави усули тактикӣ ҳамчун воситаи интихоб ва татбиқи роҳи оптималии фаъолияти муфаттиш вобаста ба вазъияти мушаххаси тафтишотӣ, ки истифодаи универсалӣ ва қолабии чунин усулҳоро истисно менамояд;

- таҳия ва пешниҳод намудани таснифи нави усулҳои тактикӣ, ки онҳоро вобаста ба вазифаҳои ошкор, ҷамъоварӣ, сабт, таҳлил, арзёбӣ ва истифодаи далелҳо ба панҷ гурӯҳи мустақил ҷудо намуда, имконияти истифодаи низомноки онҳоро дар фаъолияти тафтишотӣ таъмин менамояд;

- муайян намудани низоми ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ, ки мутобиқати онҳо ба қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ, асоснокии илмӣ ва талаботи ахлоқиро ҳамчун шартҳои ҳатмии татбиқи онҳо пешбинӣ менамояд;

- асоснок намудани мафҳум ва моҳияти қарори тактикӣ ҳамчун унсури муҳими фаъолияти муфаттиш, ки дар асоси таҳлили вазъияти тафтишӣ, пешгӯйии рушди он ва интихоби усули самараноктарини тафтиш қабул гардида, ба ноил шудан ба ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ равона мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаю тавсияҳое, ки дар диссертатсияи мазкур пешниҳод шудаанд, дорои асоснокии назариявӣ ва амалӣ буда, мантиқан аз мақсад, вазифаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда бармеоянд. Эътимоднокии онҳо ба истифодаи заминаи васеи назариявӣ, методологӣ ва эмпирикӣ такя намуда, мутобиқати онҳоро ба талаботи таҳқиқоти илмӣ таъмин менамояд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия бо як қатор омилҳои илмӣ ва амалӣ таъмин карда шудаанд.

1. Хулосаҳо ва тавсияҳои илмии муаллиф ба таҳлили ҳамаҷонибаи муқаррароти назариявии илми криминалистика, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, назарияи умумии ҳуқуқ, инчунин, таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ такя намудаанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия

доираи васеи адабиёти илмӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки барои асоснок намудани натиҷаҳои илмӣ заминаи боэътимод фароҳам овардаанд.

2. Дар раванди таҳқиқот маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси илмӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлил, диалектика, мантиқӣ-расмӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода гардидаанд, ки имконият додаанд масъалаҳои марбут ба мафҳум, моҳият, тасниф, ченакҳои қобили қабул будан ва татбиқи усулҳои тактикӣ ба таври илмӣ ва низомнок таҳлил карда шаванд. Ин усулҳои методологӣ асоснокии назариявӣ ва саҳеҳияти хулосаҳои пешниҳодшударо таъмин менамоянд.

3. Натиҷаҳои таҳқиқот ба заминаи васеи эмпирикӣ асос ёфтаанд. Муаллиф фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ, мақомоти прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқро таҳлил намуда, аз маълумоти оморӣ ва таҳлилии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи амалии тафтишӣ ва таҷрибаи назорати прокурорӣ истифода кардааст. Ин омилҳо имкон додаанд, ки хулосаҳо бо воқеияти амалияи тафтиши ҷиноятҳо мувофиқат намуда, эътимоднокии онҳо таъмин гардад.

4. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда натиҷаи таҳлили комплексии масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикӣ буда, бо навгониҳои илмии пешниҳодшуда, аз ҷумла муайян намудани мафҳуми усули тактикӣ, таҳияи таснифи усулҳои тактикӣ, муайян намудани ченакҳои қобили қабул будани истифодаи онҳо ва асоснок намудани мафҳуми қарори тактикӣ робитаи мантиқӣ доранд. Пешниҳодҳои илмии муаллиф бо дастовардҳои муосири илми криминалистика мутобиқ буда, рушди минбаъдаи назарияи тактикаи криминалистиро таъмин менамоянд.

5. Тавсияҳои амалии диссертатсия хусусияти татбиқшаванда дошта, метавонанд дар фаъолияти мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин ҳангоми такмили қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ, таҳияи дастурҳои методӣ ва чараёни

таълими фанҳои «Криминалистика» ва «Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ» истифода шаванд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ муҳокима гардида, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда интишор шудаанд, ки ин низ дараҷаи эътимоднокӣ ва аҳаммияти амалии онҳоро

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

1. Аҳаммияти илмӣ: Натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди назарияи илми криминалистика ва усулҳои муосири тафтиши ҷиноятҳо мусоидат мекунанд. Диссертатсия масъалаҳои марбут ба мафҳум, моҳият, тасниф ва ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо, муайян намудани таносуби усулҳои тактикӣ ва тактикӣ-техникӣ, инчунин асосҳои қабули қарорҳои тактикии муфаттишро таҳлил мекунад. Ин таҳқиқот ба рушди донишҳои назариявӣ дар соҳаи криминалистика ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат намуда, заминаи илми барои таҳқиқоти минбаъда фароҳам меорад.

2. Аҳаммияти амалӣ: Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои баланд бардоштани самаранокии тафтиши ҷиноятҳо истифода шаванд. Пешниҳодҳои вобаста ба муайян намудани ченакҳои истифодаи усулҳои тактикӣ, такмили механизми қабули қарорҳои тактикӣ ва рушди усулҳои татбиқи онҳо барои ташаккули амалияи ягонаи фаъолияти тафтишотӣ, баланд бардоштани сифати ҷамъоварӣ ва арзёбии далелҳо, инчунин таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти назаррас доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастурҳои методӣ, барномаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ истифода шаванд.

3. Аҳаммияти иқтисодӣ: Аҳаммияти иқтисодии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки истифодаи дурусти усулҳои тактикӣ метавонад ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, коҳиш

ёфтани харочоти марбут ба тафтиши такрорӣ, кӯтоҳ гардидани муҳлати тафтиши пешакӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои молиявию кадрии мақомоти давлатӣ мусоидат намояд. Илова бар ин, баланд бардоштани сифати тафтиши ҷиноятҳо барои коҳиш додани зарари иқтисодии аз фаъолияти ҷиноятӣ расонидашаванда ва баланд бардоштани самаранокии низоми адолати судӣ низ аҳаммияти муҳим дорад. Ин натиҷаҳо ба таври бавосита ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи мақсадноки захираҳои давлатӣ мусоидат мекунанд.

4. Аҳаммияти иҷтимоӣ: Таҳқиқот барои таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон аҳаммияти муҳим дорад. Пешгирӣ ва ошкор намудани саривақтии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба таҳкими ваҳдати миллӣ, суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва пешгирии паҳншавии ақидаҳои ифротӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бар зидди экстремизм ва таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Дар асоси натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия 9 мақолаи илмӣ нашр гардидааст. Аз онҳо 4 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар, ки сатҳи илмӣ ва эътимоднокии заруриро доранд, ба табъ расидаанд. Ин нашрияҳо саҳми муассир ва дастгирии равандҳои илмии таҳқиқоти мазкурро таъмин менамоянд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот,

рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 177 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар боби аввал асосҳои назариявии истифодаи усулҳои тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо таҳлил гардидаанд. Муаллиф мафҳум ва моҳияти усули тактикӣ, хусусиятҳои назариявӣ ва криминалистии он, инчунин, масъалаҳои марбут ба таснифи усулҳои тактикиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Натиҷаҳои ин боб ба такмили асосҳои назариявии тактикаи криминалистӣ, муайян намудани ҷойгоҳ ва аҳаммияти усулҳои тактикӣ дар фаъолияти тафтишотӣ ва ташаккули равиши ягонаи илмӣ нисбат ба ин мафҳум мусоидат менамоянд.

Дар боби дуюм масъалаҳои методологии истифодаи усулҳои тактикӣ ва ченакҳои қобили қабул будани татбиқи онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф асосҳои илмии истифодаи усулҳои тактикӣ, талаботи ҳуқуқӣ, илмӣ ва ахлоқии татбиқи онҳоро таҳлил намуда, меъёрҳои муайян намудани қобили қабул будани чунин усулҳоро пешниҳод кардааст. Натиҷаҳои ин боб барои таъмини қонуният, баланд бардоштани самаранокии амалҳои тафтишӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Дар боби сеюм масъалаҳои таносуби усулҳои тактикӣ ва тактикӣ-техникии криминалистӣ, инчунин, хусусиятҳои қабул ва амалисозии қарорҳои тактикии муфаттиш дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо баррасӣ шудаанд. Муаллиф робитаи байни қарорҳои тактикӣ ва самаранокии фаъолияти тафтишотиро таҳлил намуда, пешниҳодҳои илмӣ ва амалиро оид ба такмили фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ ва истифодаи самараноки усулҳои тактикӣ асоснок кардааст. Ин боб барои рушди минбаъдаи назарияи тактикаи криминалистӣ ва такмили амалияи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти муҳим дорад.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, дар умум мафҳум ва моҳияти диссертатсияро мекушояд.

**Бо вуҷуди баҳои мусбии кор дар диссертатсия баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:**

1. Дар рисола муаллиф мафҳум, моҳият ва таснифи усулҳои тактикиро дар асоси рӯйкардҳои гуногуни илмӣ таҳлил намуда, таърифи муаллифии онҳоро пешниҳод кардааст. Бо вуҷуди ин, дар баъзе мавридҳо ҳангоми таҳлили ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавқеи худи муаллиф нисбат ба нуқтаҳои ихтилофии онҳо назариявӣ ба таври кофӣ инъикос наёфтааст. Ба андешаи мо, таҳлили амиқтари бартарӣ ва нуқсонҳои ҳар як консепсияи илмӣ метавонист асоснокии хулосаҳои пешниҳодшударо боз ҳам тақвият бахшад.

2. Дар боби сеюми диссертатсия масъалаҳои қарорҳои тактикии муфаттиш ва нақши онҳо дар раванди тафтиши ҷиноятҳо таҳлил гардидаанд. Бо вуҷуди ин, робитаи байни қарорҳои тактикии муфаттиш ва салоҳияти прокурор ҳангоми роҳбарии мурофиа, инчунин таъсири назорати прокурорӣ ба интихоби усулҳои тактикӣ ба таври алоҳида мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Азбаски дар амалияи мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши прокурор дар таъмини қонуният муҳим мебошад, таҳлили ин масъала метавонист арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам зиёд намояд.

3. Дар диссертатсия пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ифода гардидаанд, вале масъалаи арзёбии самаранокии татбиқи пешниҳодҳои мазкур дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тавассути нишондиҳандаҳои мушаххас ё пешгӯйии натиҷаҳои амалии онҳо баррасӣ нашудааст. Ба назари мо, муайян намудани меъёрҳои баҳодиҳии самаранокии татбиқи пешниҳодҳои илмӣ имконият медод, ки аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот боз ҳам равшантар нишон дода шавад.

Эродҳои зикршуда хусусияти илмӣ ва тавсиявӣ дошта, ба мазмун, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, инчунин ба навгонии илмӣ ва арзиши хулосаҳои асосии он таъсири манфӣ намерасонанд. Баръакс,

онҳо метавонанд ҳамчун самтҳои такмили минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ ва муҳокимаи илмии рисола арзёбӣ гарданд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Таҳқиқоти илмии Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», ба ҳадафи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ равона гардидааст ва ба ихтисоси 5.5.12. Криминалистика, фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мансуб аст. Диссертатсия дар доираи талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳои 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, пурра мутобиқати ҳуқуқӣ ва меъёрии давлатии талаботи академиро таъмин менамояд.

Муаллиф таҳқиқотро мустақилона ва бо истифодаи усулҳои муосири методологӣ ва криминалистӣ анҷом дода, сохтори диссертатсияро бо мантиқи муназзам ва пайдарпайи илмӣ ба роҳ мондааст. Таҳлилҳо ҳам навгониҳои назариявӣ ва ҳам тавсияҳои амалиро барои самаранокии истифодаи усулҳои тактикӣ низ дарбар мегиранд. Саҳми мустақими муаллиф тавассути мақолаҳо ва маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ собит шудааст, ки нишон медиҳад усулҳои пешниҳодшуда дар амал низ татбиқшаванда мебошанд. Услуб ва тарзи баёни фикрҳо шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф дорои малакаи таҳлилии баланд ва қобилияти таҳқиқоти низомноки криминалистӣ мебошад, ки диссертатсияро барои тафтиш ва ошкор намудани ҷиноят арзишманд месозад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» пурра ба талаботи муқаррargardидаи меъёрҳои омодасозии диссертатсия ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмӣ ва таҳлили комили проблемаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳоро таъмин мекунад. Аз

ин нуқтаи назар, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор, Сармутахассиси кафедраи**
**таҳқиқоти криминология, коррупсия**
**ва пешгирии ҷинояткории факултети**
**адлияи ҷиноятии Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқшиносии Тошканди**
**Ҷумҳурии Узбекистон** **Астанов И.Р.**

**Имзои Астанов И.Р.-ро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи**
**давлатии ҳуқуқшиносии Тошканди**
**Ҷумҳурии Узбекистон** **Мамасабиров Д.**

**«_5_» __09__ 2026 с.**

Суроға: 100047, Ҷумҳурии Узбекистон, ш.Тошкент, куч. Сайилгоҳ, 35
Факс/телефон: +(998) 71 233-42-09 / +(998) 71 233-66-36
E-mail: info@tsul.uz